**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, к. Нахимов, 64/14)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Амонова Дилором Абдувахидовна дар мавзуи “Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

Масъалаи истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ва мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шароите, ки мамлакат норасоии даромадҳоро паси сар мегузаронад, омили муҳими амалнамоии давлат ва танзими рушди субъектҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи муаллиф, дар шароити муосир, дар Тоҷикистон мушкилиҳои муайяне вуҷуд доранд, ки дар натиҷаи рӯйдодҳои ҷаҳонӣ ва дохилӣ ба миён омадаанд, ки монеаҳои ҷиддиро барои татбиқи идоракунии молияи давлатӣ, ҳам аз рӯйи даромад, ва ҳам аз рӯйи хароҷоти буҷети давлатӣ эҷод менамоянд.

Аз ин лиҳоз муҳиммияти хосро ҷустуҷӯи самтҳои нави мукаммалгардонии низоми идоракунии молияи давлатӣ дар умум, ва вазифаҳои ҷудогонаи онро дар алоҳидагӣ касб менамоянд. Ҳамзамон бояд, қайд кард, ки идоракунии молияи давлатӣ яке аз самтҳои муҳимтарини ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар соҳаи иқтисодиёт буда, дар марҳилаи муосири рушд, ки фарогири бухронҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ аст, аз ҷумлаи масоили мубрами ҳалталаб ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин дар иқтисодиёти дилхоҳ давлат идоракунии молияи давлатӣ нақши хеле назарасро бозида, рушди иқтисодиёти миллиро муайян месозад. Аз ин лиҳоз, зарурати баландбардории самаранокии идоракунии молияи давлатӣ бо ислоҳоти сохтории иқтисодиёти мамлакат, ки ислоҳоти механизмҳои амалинамоии бахши ҷамъиятиро тибқи принсипҳои ҷомеаи пасоиндустриалӣ, ки шарти калидии таъмини амнияти иқтисоди миллӣ, рушди устувор ва баландбардории сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, алоқамандӣ дорад.

Аз рӯйи автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки ҳамаи вазифаҳои гузошташуда ҳал гардида, унсурҳои навгонии илмӣ аҳамияти илмӣ

дошта, хулоса ва пешниҳодҳои аз ҷониби муалиф баёнгардида ба идоракунии оқилонаи молияи давлатӣ, махсусан ба таъминоти натиҷанокӣ ва боэътимодии он мусоидат менамоянд.

Дар баробари бартариятҳо ва дастовардҳои назаррас дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд. Масалан, муаллиф чунин андеша дорад, ки трансфертҳои буҷетии аз ҳисоби ҳиссаҷудокуниҳо ба буҷетҳои маҳаллӣ ҷудошаванда дар сурати самаранок ва оқилона истифода гардиданашон ба беҳтаршавии идоракунии молияи давлатӣ мусоидат менамоянд (саҳ .20), вале ба таври муфассал баён насохтааст, ки алоқамандии зерин чӣ тавр амалӣ карда мешавад.

Эроди мазкур хислати тавсиявӣ дошта, арзиши баланди илмии корро кам намекунад. Сохтори автореферат ва интишороти довталаб пурра ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд.

Дар маҷмӯъ мазмуни автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муалифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои илмии мавзӯи интихобшуда, нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Амонова Дилором Абдувахидовна дар мавзӯи "Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи муқаррааргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба пуррагӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он арзандаи додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) мебошад.

Тақриздиҳанда:
д.и.и., дотсент, Ректори
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Асрорзода У.С.

Имзои д.и.и., дотсент Асрорзода У.С.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБССТ — Ҷураев Ш.Н.